Ба шурои диссертатсионии
6D.КОА-014 назди Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Султонов Абдураҳмон Неъмонович дар мавзуи «Баланд бардоштани самаранокии равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт).**

## 1. Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Дар шароити муосир, соҳаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи навсозӣ ва ислоҳот қарор дорад. Ба талаботи муосир мувофиқ сохтани соҳаи таҳсилоти олии касбӣ иҷрои як қатор вазифаҳои муҳимро талаб менамояд, аз ҷумла таҳия ва навсозии барномаҳои таълим дар асоси салоҳият, барномаҳои омӯзиши омӯзгорон барои мутобиқ кардани таҳсилот ба ниёзҳои бозори меҳнат, баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои таълимӣ, ҷалби мутахассисони баландихтисос, таъмини инфрасохтори замонавӣ, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва ғ. Барои ҳалли ин мушкилот, истифодаи стратегияҳои гуногун, аз ҷумла ҷалби сармояи давлатӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ, ҷорӣ намудани механизмҳои грантӣ ва тақвияти ҳамкориҳо бо созмонҳои байналмилалӣ метавонад мусоидат кунад. Инчунин, таҳияи низоми маблағгузории таҳсилоти олӣ бо назардошти самаранокии хароҷот ва афзоиши сарчашмаҳои даромад, ба монанди таҳияи барномаҳои таълимии фармоишӣ ва

хидматрасониҳои иловагӣ, метавонад ба устувории молиявии муассисаҳо мусоидат намояд

Муаллифи диссертатсия дар бахши муқаддимаи таҳқиқот зимни асоснок намудани мубрамии мавзуъ дуруст қайд менамояд, ки “Дар шароити имрӯза рушди соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сармоягузории иловагӣ эҳтиёҷ дошта, рушди минбаъдаи он аз самаранок истифодабарии захираҳои молиявӣ вобастагӣ дорад.” (с.5).

Бо дарназардошти ин изҳороти муҳаққиқ, масъалаи сармоягузорӣ ва самаранок истифодабарии захираҳои молиявӣ дар соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ ба яке аз самтҳои афзалиятнок табдил меёбад.

Бинобар ин, ба андешаи мо, дар шароити муосир асосҳои назариявию методологӣ ва воситаҳои методии арзёбии равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ бо дарназардошти тамоюли муосир, дастовардҳои илмӣ ва таҷрибаи амалии фаъолияти онҳо дар шароити мавҷудияти рақобат дар бозори хизматрасониҳои таълимӣ ба омӯзиши аниқ ва такмил ниёз доранд.

Дар робита ба ин, интихоби мавзуъ, гузориши мақсад ва вазифаҳо, инчунин объекту предмети диссертатсияи Султонов Абдураҳмон Неъмонович, ки меҳвари асосии онро роҳҳои баланд бардоштани самаранокии равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Тоҷикистон ташкил медиҳад, дар шароити имрӯза мубрам ва саривақтӣ мебошад.

**2. Мутобиқати диссертатсия ва ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст**

Мазмуну мундариҷаи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисоси кормандони илмии (илмҳои иқтисодӣ) КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз рӯи ихтисоси 08.00.05.02– Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт; 8. Баланд бардоштани самаранокии истифодаи афзорҳои бозорӣ дар соҳаи хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф

ва иҷтимоиёт; 11. Арзиши аслии молҳо ва хизматрасониҳо дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт; 12. Методология ва афзорҳои муайян намудани нарх ба маҳсулот ва хизматрасониҳои илмӣ, таҳсилотӣ ва иҷтимоӣ; 16. Таҳкими иқтидори иқтисодиву иҷтимоии хизматрасониҳо дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт; 18. Маблағгузории бахши хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт; 19. Рушди ҳамкориҳои муассисаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт бо субъектҳои соҳаҳои дигари иқтисодиёт мувофиқат мекунад.

## 3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд

Навгонии илмии диссертатсия аз гузориш ва ҳалли маҷмӯи вазифаҳои мушаххас дар самти тамоюл ва хусусиятҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таълимӣ ва коркарди минбаъдаи масъалаҳои назариявӣ ва методологии ҷалб ва баланд бардоштани нақши сарчашмаҳои гуногуни маблағгузорӣ барои таъмини сифати тайёр кардани мутахассисон ва ба ин васила таъмини рушди босуботи иқтисодиёти Тоҷикистон зоҳир мегардад.

Таҳлили диссертатсияи тақризшаванда нишон дод, ки натиҷаҳое, ки дар он пешниҳод шудаанд, дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд:

1. Дар диссертатсия дар асоси омӯзиши муқарраротии назариявӣ моҳияти иқтисодӣ, сарчашмаҳо ва сохтори сармоягузориҳо мушаххас гардонида шудаанд.

Дар таҳқиқоти илмӣ исбот карда шудааст, ки ҷалби воситаҳои иловагии молиякунонӣ асосан аз ҳисоби расонидани хизматҳои иловагии таълимӣ ба вуҷуд оварда мешаванд. Ҷустуҷӯ ва ҷалби воситаҳои ғайрибуҷетии сармоягузорӣ дар соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ аз як тараф таъмини беисти раванди фаъолияти таълимиро дар МТОК таъмин кунад агар, аз тарафи дигар норасогиҳои сарчашмаҳои буҷетиро бартараф менамояд.

Ба ақидаи муаллиф "сармоягузорӣ маҷмӯи арзишҳои пулӣ, молӣ ва интеллектуалиро дар худ нишон дода, дар татбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳои

истехсолӣ, тиҷоратӣ, иҷтимоӣ, илмӣ, фарҳангӣ бо мақсади афзун намудани сармояи ҳақиқии ҷомеа ва самаранокии истифодаи он гузошта шуда, дорои натиҷаи афзудани фоидаи (даромад) субъектони иқтисодӣ ва ё бадастории самараи мусбии иҷтимоиву экологӣ мебошад Ба ақидаи муаллиф "сармоягузорӣ маҷмӯи арзишҳои пулӣ, молӣ ва интеллектуалиро дар худ нишон дода, дар тадбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳои истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, иҷтимоӣ, илмӣ, фарҳангӣ бо мақсади афзун намудани сармояи ҳақиқии ҷомеа ва самаранокии истифодаи он гузошта шуда, дорои натиҷаи афзудани фоидаи (даромад) субъектони иқтисодӣ ва ё бадастории самараи мусбии иҷтимоиву экологӣ мебошад. (с.31). Зимнан муаллиф зарурати таҳқиқи меъёрҳо барои баланд бардоштани ҳаҷми маблағгузориҳои буҷетӣ дар ростои азнавкунии сохтори идоракунӣ пешниҳод намуда ҳамзамон зиёд намудани ҳаҷми маблағгузории буҷетӣ, ҷалбкунии воситаҳои молиявии иловагӣ ва самаранок истифодабарии онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба равандҳои муҳим дар ташкили сохтори муосири сарчашмаҳои маблағгузорӣ, механизми нави молиякунонии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити фаъолият бо принсипҳои бозорӣ зарур ҳисоб менамояд (с. 32 -56).

2. Дар диссертатсия барои мувозинатии рушди иқтисодиёти мамлакат истифодаи самараноки сармоягузориҳои ба низоми хизматрасониҳои ТОК равона гардида хело зарур дониста мешавад, зеро шароит барои муассисаҳои таълимӣ дар тайёркунии мутахассисони баландихтисос, рақобатпазир чи дар сатҳи маҳаллӣ ва чи дар сатҳи байналмилалӣ фароҳам меоранд.

Ҷиҳати мусбати диссертатсия дар боби аввали рисолаи илмӣ муаллиф барои арзёбии самаранокии сармягузорӣ ба соҳаи таҳсилоти олӣ даромади (арзиши) софи холис истифода бурданро пешниҳод мекунад. Ба фикри муаллиф нишондиҳандаи мазкур тавсифдиҳандаи натиҷаи умумии сармоягузорӣ ба таҳсилоти олӣ мебошад (с. 56-67).

3. Дар диссертатсия, пеш аз ҳама, таҳқиқи раванди истифодабарии фондҳои асоси дар соҳаи ТОК ҳамчун раванди асосии ҷолибнокии сармоягузорӣ, сохтори муосири соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар мамлакат ва

дурнамои рушди он, холати имрӯзаи сарчашмаҳои сармоягузориҳо ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олӣ ва самаранокии онҳо, мукаммалсозии низоми маблағгузории соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавсифи сарчашма ва раванди сармоягузориҳо дар мамлакатҳои рушёфта ва ру ба тараққӣ мавриди таҳқиқот қарор гирифтаанд.

Ба ақидаи муаллиф масъалаи муайянкунии арзиши тавозунии фондҳои асосӣ ин пеш аз ҳама барои таъмини талабот ба маблағгузории ҷорӣ ва ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаро дар бар мегирад, аз ин лиҳоз ин бахши таҳқиқотро ба баҳодиҳии фондҳои асосӣ ва вазъи маблағгузории соҳа равона сохтем, зеро рақобатпазирии корхонаҳо дар бозори ҷаҳонӣ низ маблағгузориҳои зиёдеро талаб мекунад (с. 68 -72).

4. Муаллифи диссертатсия самаранокии сармоягузориҳо ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат аз нуқтаи назари (мавқеи) хоҷагии хонаводагӣ ва буҷети давлатӣ таҳлил ва баҳогузорӣ кардааст. Маълум гардид, ки гузариш ба иқтисоди бозорӣ сарчашмаҳои маблағгузориро ба соҳаи таҳсилот куллан тағйир додааст. Айни замон ба ғайр аз буҷети давлатӣ боз аз ҳисоби сарпарастон (корхонаҳо, хоҷагиҳои хонаводагӣ) шартномаи таҳсил маблағгузорӣ карда мешавад (с. 73-75).

Дар диссертатсия омадааст, ки ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ самараи дисконткунонӣ истифода мешавад. Фарқ байни бузургии хароҷот ва манфиати дисконткунонидашуда "даромади софи холис (NPV)" меъёри муайянкунандаи дилхоҳ лоиҳаи сармоягузорӣ дониста мешавад. Яъне ба сифати усули муайянкунандаи хароҷотбарории сармоягузорӣ дар диссертатсия даромади софи холис (NPV) истифода бурда мешавад. Дар баробари хароҷоти таҳсил ва даромад дар истифодабарии даромади софи холис (NPV) истифодаи меъёри миёнаи фоизи бонкӣ низ зарур шуморида мешавад (с. 83-108).

5. Зарурати татбиқи равишҳои барномавию мақсаднок ҳамчун усули муосири идоракунии низомҳои мураккаби таҳсилоти касбӣ асоснок шудааст.

Дар диссертатсия пешниҳод карда шудааст, ки дар марҳилаи нави рушди мамлакат зарурати татбиқи равишҳои барномавию мақсаднок ҳамчун усули муосири идоракунии низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ, ки дар низоми банақшагирӣ-барномасозӣ-буҷетгузорӣ (БББ) асос меёбад, ба миён омадааст (с. 109-111). Муаллиф алгоритми таҳия ва амалисозии модели барномавию мақсаднок, ки аз пайдарҳамии марҳилаҳо иборат аст, пешниҳод намуда, методҳои гуногун, аз ҷумла таҳлилӣ, амсиласозӣ, бозӣ, экспертӣ, ҳисобкуниҳои нақшавӣ ва асосноккунии пешбиникунандаро барои истифодабарӣ мувофиқи мақсад мешуморад (с.112-113).

6. Дар диссертатсия муаллиф қайд намудааст, ки дар шароити имрӯза дар таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашмаҳои асосии маблағгузории низоми хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ ин истифодаи қарордодҳо бо донишҷӯён мебошад, яъне раванди маблағгузорӣ аз ҳисоби даромадҳои инфиродӣ бо мақсади зиёд намудани селаҳои даромадҳо дар оянда ва хуб кардани сатҳи некуаҳволӣ мебошад. Зимнан, муаллиф исбот мекунад, ки афзун гардонидани сармоягузориҳои хусусӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ ба бартарафкунии мушкилотҳои маблағгузории бесамар ва номутавозунии сохтории рушди ин соҳа мусоидат менамояд. (с.123-130).

7. Зарурати ислоҳоти низоми музди меҳнат дар соҳаҳои гуногуни кишвар (тандурустӣ, хоҷагии қишлоқ, маориф ва ғайра) асоснок ва пешниҳод гардидааст. Ба фикри муаллиф, сохтори молиякунонии буҷет ба соҳаи таҳсилоти олӣ бояд пурра аз нав дида баромада шавад. Муайян шудааст, ки дар шароити рақобати шадид ва мавҷудияти номуайяниҳои зиёд муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро зарур аст, ки барои дар ин шадидиятҳо тоб овардану дар бозори меҳнат аз рӯи натиҷаҳои беҳтарин фаъолият намудан, хароҷоти худро диверсификатсия намояд. (с. 138-143).

8. Дар диссертатсия муаллиф моддаҳои алоҳидаи сохтори хароҷоти буҷети муассисаҳои олии касбии мамлакат таҳлил намуда, исбот кардааст, ки дар давраи таҳлилӣ қариб ягон моддаи хароҷоти ин соҳа новобаста аз пешравиҳои зиёди инноватсионии ҷаҳонии муассисаҳои олӣ иваз нашудааст.

Аз назари муаллиф, мушкилоти асосии ивазнашудани ин моддаҳои хароҷот ду ҷанбаи асосиро дар бар мегирад: якум ин ки муассисаҳои олии касбӣ дар истифодабарии захираҳои ғайрибуҷетии ҷалбшуда маҳдудиятҳои зиёд доранд, яъне мустақил нестанд, дуюм ин ки дар сатҳи буҷеткунонӣ мутахассисонӣ баланд ихтисос кам мебошанд, зеро сабабгори асосии самаранокии буҷеткунонии буҷети муассисаҳо аз мутахассисони баланд ихтисос вобата мебошад. (с. 144 – 147).

## 4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда

Бояд қайд кард, ки мақсади таҳқиқот аз таҳияи муқаррароти илмию назариявии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ ва асоснок намудани тавсияҳо ҷиҳати бардоштани самаранокии равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбии кишвар иборат аст, ки рушди минбаъдаи низоми тасилоти олии касбиро таъмин мекунад.

Барои ҳалли ҳадафи мазкур ва вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда, муалллифи рисолаи илмӣ усулҳои гуногуни таҳқиқоти илмӣ, ба монанди усулҳои логистикӣ, системавӣ, регрессионӣ-коррелатсионӣ, мукоисавӣ ва таҳлилҳои иқтисодӣ-оморӣ ва ғайра истифода шудаанд, ки асоснокӣ ва муътамад будани хулосаю натиҷаҳои таҳқиқотро таъмин намудаанд.

## 5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмии тақризшаванда барои баланд бардоштани самаранокии равандҳои сармоягузорӣ дар хизматрасониҳои гуногуни муассисаҳои соҳаи таҳсилоти олии касбӣ новобаста аз шакли моликияташон мусоидат хоҳад кард.

Тавсияҳои методӣ ва амалии таҳиякардаи муаллифро дар раванди таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ истифода намудан мумкин аст.

Диверсификатсияи сохтори хароҷот дар соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки аз ҷониби муаллиф дар диссертатсия пешниҳод шудааст ба мақсад мувофиқ буда, метавонад зимни такмили маҷмуи чораҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии равандҳои сармоягузорӣ дар хизматрасониҳои гуногуни муассисаҳои соҳаи таҳсилоти олии касбӣ мавриди истифода қарор дода шавад.

## 6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ

Тавре аз таҳлили маълумоти пешниҳодгардида бармеояд, муқаррарот ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, ки ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад.

## 7. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия

Бояд қайд кард, ки автореферати диссертатсия мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Диссертатсия ва автореферати он тибқи муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шудааст ва бо забони илмии тоҷикӣ дар сатҳи баланд иҷро шудааст.

**8. Эроду тавсияҳо барои беҳтар гардонидани сатҳи илмию назариявӣ ва амалии диссертатсия**

Ба сифати эроду тавсияҳо ба диссертатсияи тақризшаванда чунин нуқтаҳоро қайд кардан мумкин аст:

1. Дар диссертатсия таҷрибаи хориҷии механизми баланд бардоштани самаранокии равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ ба пуррагӣ мавриди таҳқиқ ва баҳодиҳӣ қарор дода нашуда, тавсияҳо нисбати истифодаи ин таҷриба дар МТОК-и Тоҷикистон асоснок нагардидааст.

2. Дар боби дуюми диссертатсия, ҳангоми баҳодиҳии самаранокии сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ (с.68 – 119) омилҳое, ки ба баланд бардоштани самаранокии сармоягузорӣ таъсир мерасонанд, мавриди таҳқиқ қарор дода нашудаанд.

3. Дар бахши таҳлилии диссертатсия муаллиф "маблағгузории сарикасии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (с. 92) таҳлил намудааст, ки ҳоло таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми маблағгузории сарикасӣ нагузаштааст.

4. Дар диссертатсия ҷолибияти сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар мамлакат дар сатҳи муайян арзёбӣ гардидааст. Мутаасифона на ҳамаи ҷабҳаҳои ин масъала мавриди таҳқиқ ва натиҷагирӣ қарор дода шудааст. Назарсанҷишҳо оид ба ин масъала дар мисоли якчанд МТОК-и кишвар гузаронида нашудааст.

5. Дар диссертатсия ва автореферати он хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ низ дида мешаванд.

Эроду тавсияҳои зикршуда ба сатҳи баланди илмию амалии таҳқиқоти мазкур таъсири манфӣ намерасонад ва метавонанд аз ҷониби муаллиф зимни таҳқиқоти минбаъда ба инобат гирифта шаванд.

## 9. Хулосаи ҷамъбастӣ

Диссертатсияи Султонов Абдураҳмон Неъмонович дар мавзӯи « Баланд бардоштани самаранокии равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Тоҷикистон » барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) кори илмию тахассусии баитмомрасида буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси пешниҳодшуда мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессори кафедраи иқтисодиёт
ва ташкили соҳибкорӣ Қодирова З.Ҳ.

734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2.
Тел.: + 992 93-507-45-95
E-mail: zarinkadirova@gmail.com

*Имзои д.и.и., профессор Қодирова З.Ҳ.-ро тасдиқ менамоям.*

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С.